# ТАҚРИЗИ

**Роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Қурбонов Субҳон Махмадрахимович дар мавзӯи « Ватандустӣ ва хусусиятҳои хоси он дар раванди ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 - Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияи сиёсӣ**

Дар давраи ҷаҳонишавӣ ва бархӯрди тамаддунҳову фарҳангҳо баланд бардоштани маърифатнокии ҷомеаи тоҷик, тарбияи насли ояндасоз дар рӯҳия ватандӯстӣ ва худогоҳиву худшиносӣ, яке аз омилҳои калидии муқобилат кардан ба таҳдидҳои глобалии ҷаҳони имруза ба ҳисоб меравад.Бояд зикр намуд,ки омӯзиши мавзуи ватандустӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон албатта вижагиҳои махсуси илмӣ дорад. Қурбонов Субҳон Махмадрахимович ба назари мо ба таҳқиқи масаъалаи муҳими илми сиёсатшиносӣ машғул гардидааст. Ба ақидаи муаллиф таҳлил ва омӯзиши мавзӯи ватандустӣ ҳамчун падидаи иҷтимоию сиёсӣ яке аз масъалаҳои муҳимми илмҳои сиёсӣ ба шумор рафта, дар раванди ташаккулёбии давлатдории миллӣ ва амалияи сиёсӣ ҷойгоҳи махсусро ишғол менамояд.

Дар ҳақиқат дар шароити Тоҷикистон ба натиҷаҳои бадастомадаи ҳаёти иқтисодию иҷтимоӣ, сиёсию маънавӣ ва идеологии мамлакат нигоҳ накарда, дар ҳаёти ҷамъиятии кишвар ҳанӯз ҳам омилҳои манфис ҷой доранд, ки ба раванди ташаккулёбии ватандӯстӣ ва эъмори давлатдории миллӣ монеа эҷод менамоянд.

Ватандӯстӣ ҳамчун объекти муҳими илмҳои сиёсӣ хусусиятҳои хос ва паҳлуҳои гуногун дорад, ки ҳангоми баррасии он хусусиятҳои бевоситаи сохти давлатдорӣ ва конститутсионии ҷомеа бояд ба инобат гирифта шавад. Пеш аз ҳама, ватандӯстӣ падидаи мураккаби иҷтимоию фарҳангӣ буда, тарбия намудан дар руҳияи ватандӯстӣ ҷузъи таркибии маданияти сиёсии ҷомеа мебошад.

Муаллифи диссертатсия ҳамчунин хеле хуб қайд менамояд.ки ватандӯстӣ ба эҳёи маънавии халқ, ташаккулёбии ҷомеаи ягонаи шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон такони ҷиддӣ мебахшад. Аз ин рӯ, ба вуҷуд овардани муносибатҳои илман асоснокгардидаи консептуалӣ нисбати ташкили тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон, асосҳои назариявии он масъалаи мубрам маҳсуб мёбад. Бояд гуфт, ки ҳанӯз ҳам дар илмҳои сиёсӣ моҳияти ватандӯстӣ, хусусиятҳои он, зарурият ва аҳамияти он барои рушди давлатдории миллӣ ба таври зарурӣ омӯхта нашудааст

Ба андешаи диссертант, дар адабиёти илмию таҳқиқотӣ, махсусан дар соҳаи илмҳои сиёсӣ масъалаи ватандӯстӣ ба таври кофӣ омӯхта нашудааст. Дар омӯзиши табиат, моҳият ва мазмуни ватандӯстӣ бо дарназардошти тағйиротҳои ҷиддие, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон рух додаанд, танҳо аввалин қадамҳо гузошта шудаанду халос. Дар алоқа бо ин, ва инчунин бо зарурияти ҷустуҷӯйи муносибатҳои нав оиди тарбияи ватандӯстии ҷавонон, мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ муҳим ва саривақтӣ арзёбӣ мегардад.

Ман,ҳамчун роҳбари илмӣ дар асоси омӯзиши дақиқи диссертатсия ба хулоса омадам, ки диссертатсияи Қурбонов Субҳон Маҳмадраҳимович дар мавзӯи « Ватандӯстӣ ва хусусиятҳои хоси он дар раванди ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» таҳқиқоти мустақил ва комилан ба анҷом расида аст, ки аҳамияти назариявӣ ва амалӣ дорад.

Мавзӯъ ва мундариҷаи диссертатсия ба ихтисоси 23.00.02 – ниҳодҳо,равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ ва самти фаъолияти Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-018 дар назди Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон **мувофиқат мекунад ва худи** Қурбонов С.М. сазовори дараҷаи илми номзади илмҳои сиёсӣ мебошад.

**Ҳайдаров Р.Ҷ.** ,

доктори илмҳои фалсафа,
мудири Шуъбаи сиёсатшиносии
Институти фалсафа,сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи АИ ҶТ

Имзои **Ҳайдаров Р.Ҷ.,**
мудири Шуъбаи сиёсатшиносии
Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон **тасдиқ мекунам.**

Мудири Шуъбаи кадрҳои ИФСҲ ҶТ

**Саидова Ф.**